**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна баррасии яке аз масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ – таҳқиқи вижагиҳои воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар бар мегирад. Табиист, ки воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва хосиятҳои сохториву маъноии онҳо то ҳол ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва умумияти сохториву маъноии онҳо дар муқоисаи ду забони низомашон гуногуни тоҷикӣ ва англисӣ ба таври дақиқ нишон дода нашудаанд.

Ҳадафи баррасии мавзуи зикрёфта дар таъйини монандиву фарқи воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда ифода меёбад. Аз ин рӯ, диссертант барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои пешгузошта маводҳои назарии бахшида ба масъалаи низоми фразеологияи забонҳои муқоисашавандаро омӯхта, фарҳангҳои тафсириву фразеологӣ ва дигар сарчашмаҳои амалиро таҳлил намудааст. Ҳамчунин, баррасии сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда, қолаббандии онҳо, таҳлили морфологии унсурҳои таркибӣ, ошкор намудани қолабҳои умумиву хос, таъйини тафовути муродифот ва гунаҳои фразеологӣ, сарчашмаҳои воҳидҳои фразеологии асливу иқтибосӣ, ҳодисаи муродифшавию мутазодшавии дохилизабониву байнизабонӣ ва хосиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии исмии маҷозии забонҳои муқоисашавандаро муайян намудааст.

Ба сифати объекти таҳқиқот воҳидҳои фразеологии исмии гуногунсохтор ва гуногунмаъноӣ тамоми қабатҳои таркиби фразеологии забонҳои муқоисашаванда, ки асосан аз фарҳангҳои фразеологӣ ва насри бадеӣ гирдоварӣ шудаанд, интихоб гардидаанд.

Асарҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ аз зумраи Ш. Балли, В.В. Виноградов, С.И. Ожегов, А.И. Смирнитский, Н.Н. Амосова, А.В. Кунин, Л.П. Смит, А.Мирзоев, Т.Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М.Ф. Фозилов, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов ва М.Н. Азимова асосҳои назариявии кори диссертатсионӣ маҳсуб ёфта, ҳамчунин, барои таҳлилу баррасии амиқи мавзуи мазкур аз методҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили дистрибутивӣ, таҳлили ҷузъҳо ва таҳлили сохторӣ-типологӣ истифода гардидаанд.

Диссертант дар навиштани диссертатсия талаботи методиву методологии кори илмиро риоя намуда, сохтори онро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба низом даровардааст, ки мантиқан баҷост.

Дар муқаддима тамоми бандҳои муқарраргардида, аз ҷумла, мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ ва навоварии илмии кори диссертатсионӣ тавзеҳ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ» ном гирифта, он аз се фасл иборат аст.

Фасли якум ба таҳқиқи таърихи пайдоиши фразеология дар забоншиносии муосир ва рушди он дар забоншиносии тоҷику рус ва ғарбӣ бахшида шудааст.

Фасли дуюм фарогири масъалаҳои назариявии фразеологияи муосир мебошад. Дар ин қисмати кор ҳамчунин баррасии фразеология чун як соҳаи мустақили забоншиносӣ тавсиф гаридааст.

Фасли сеюми боби мазкур бошад, сари масъалаи зарурат, аҳамият ва дараҷаи таҳқиқи тасвирӣ-муқоисавии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баҳс менамояд.

Боби дуюми диссертатсия бевосита фарогири омӯзиш ва таҳлили яке аз паҳлуҳои объекти таҳқиқшаванда – таҳлили сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки дар се фасли он ба таври зарурӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки қисми зиёди воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда аз ду унсур иборатанд. Нахуст қабл аз қолаббандӣ гаштани фразеологизмҳои исмии забонҳои омӯхташаванда онҳо ба ду гурӯҳ: дуҷузъа ва бисёрҷузъа тасниф гашта, сипас, қолабҳои ин гурӯҳҳо таҳлил гаштаанд.

Дар боби сеюм «Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки аз шаш фасл таркиб ёфтааст, амалишавии яке аз мақсадҳои асосиии таҳқиқот, муайян намудани монандиву тафовути луғавӣ-маъноии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда мушоҳида мешавад.

Аслонова Г. натиҷаи таҳқиқоти худро бо даҳ хулосаи мушаххас оид ба хосиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷамъбаст намудааст.

Зимни баррасии мавзуи мазкур маълум гардид, ки воҳидҳои фразеологии исмӣ як навъи луғавӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологианд, ки ҷузъи меҳвариашон исм буда, асосан, ҳамчун исм, барои ифодаи ягон мафҳуми мушаххас ё пораи ҳақиқат истифода мешаванд, онҳо аз ҷиҳати сохт ба қолаби ибора монандӣ дошта, асосан, дуҷузъа ва бисёрҷузъа мешаванд, онҳо шаш намуди гунашавӣ доранд ва қисми зиёдашонро фразеологизмҳои аслӣ ташкил менамоянд. Ин ва дигар нуктаҳо дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур ошкор ва муайян гардиданд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия ба забони илмӣ иншо гардида, бобу фаслҳои он ҷанбаҳои мухталифи мавзуи таҳқикро фаро гирифта, ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд.

Қобил ба зикр аст, ки диссертант мавзуи мазкурро мушаххас ва амиқ таҳлилу баррасӣ намуда, дар таҳқиқи он муваффақ гаштааст. Ҳадафҳои гузоштаи ӯ дар таҳлили сохторӣ ва луғавию маъноии воҳидҳои фразеологии исмӣ пурра амалӣ гаштаанд.

Тазаккур бояд дод, ки мавзуи мазкур нахустин маротиба дар илми забоншиносӣ таҳқиқ гардидааст, ки навгонии илмии таҳқиқотро асоснок менамояд.

Албатта, дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки дар қавсайн тарҷумаи тоҷикии асари Ҳ. Маҷидов «Фразеологическая система современного таджикского языка» оварда мешуд (саҳ.9).
2. Ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва аломати китобӣ дида мешаванд.

Эродҳои номбаршуда наметавонанд ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро бикоҳонанд.

Дар умум, автореферати диссертатсия тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, мақолаҳои нашршуда баёнгари мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Ҳамчунин, диссертатсияи мазкур аз аҳамияти амаливу назариявӣ бархурдор буда, таҳлилу хулосабарориҳои он метавонад дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла, дар омӯзиши масоили фразеологияи муқоисавӣ ва нигориши фарҳангҳо истифода шавад.

Хулоса, аз фишурдаи рисола натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқотии анҷомпазируфта буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Муҳамадиева З. А.

Имзои З.А.Муҳамадиеваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б.И.

Суроға: 734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139,
МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»